**Суратмаҷлиси №_2**

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-068
назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

аз «25» январи соли 2023 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
Аз 15 нафар аъзои Шуро 15 нафар

**РӮЗНОМА:**

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

Роҳбари илмӣ: доктори илми филология, профессор, Салимов Рустам Давлатович ба экспертизаи аввалия ва таъйин намудани комиссияи экспертӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори раиси Шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Ҳаматов Самиддин Салоҳиддинович дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович ба Шурои диссертатсионӣ.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, н.и.ф. Каримова Дилафруз Насибовна маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

**Мухторов Зайниддин** – доктори илми филология, профессор, аъзои Шуро, раиси комиссияи экспертӣ.

**Ҷамшедов Парвонахон** – доктори илми филология, профессор, аъзои Шуро, аъзои комиссияи экспертӣ.

**Саидзода Ҳалим Азиз** – доктори илми филология, профессор, аъзои Шуро, аъзои комиссияи экспертӣ.

Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология,
профессор Ҷаматов С.С.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, номзади
илми филология, дотсент Каримова Д.Н.